TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union

# ГК2: Баланд бардоштани таълим ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ

## D 2.2 Нақши донишгоҳ оиди дастгирии таълимоти соҳибкорӣ

| | |
|---|---|
| **Deliverable** | D 2.2 Нақши донишгоҳ оиди дастгирии таълимоти соҳибкорӣ |
| **Date** | 04.10.2022 |
| **Partner(s)** | Донишгоҳи давлатии Данғара |
| **Version** | v01 |
| **Status** | Ниҳоӣ |
| **Dissemination** | Ҳуҷҷати дохилӣ |
| **Comments** | |

Triggering innovative approaches and entrepreneurial skills for students through creating conditions for graduate’s employability in Central Asia

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

# Шарикони лоиҳаи ТРИГГЕР

| | |
|---|---|
| Донишгоҳи техникии Кошитсе<br>Словакия | TECHNICKÁ UNIVERZITA V KOŠICIACH |
| Донишгоҳи миллии Авруосиёӣ ба номи Л.Н. Гумилёв<br>Ҷумҳурии Қазоқистон | EURASIAN NATIONAL UNIVERSITY |
| Донишгоҳи давлатии Атирау<br>Ҷумҳурии Қазоқистон | ATYRAU UNIVERSITY |
| Донишгоҳи Торайғиров<br>Ҷумҳурии Қазоқистон | TORAIGHYROV UNIVERSITY |
| Донишгоҳи давлатии Термиз<br>Ҷумҳурии Узбекистон | |
| Донишкадаи муҳандисӣ ва технологии Наманган<br>Ҷумҳурии Узбекистон | NamMTI |
| Донишкадаи политехникии Ҷизах<br>Ҷумҳурии Узбекистон | |
| Донишгоҳи давлатии нақлиёти Тошканд<br>Ҷумҳурии Узбекистон | TOSHKENT DAVLAT TRANSPORT UNIVERSITETI<br>Tashkent state transport university |
| Донишгоҳи давлатии Данғара<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| Донишгоҳи илмҳои татбиқӣ BFI ш. Вена<br>Ҷумҳурии Австрия | FH University of Applied Sciences BFI Vienna<br>Economics Management Finance |
| Донишгоҳи Кот д'Азур<br>Ҷумҳурии Фаронса | UNIVERSITÉ CÔTE D'AZUR |

| | |
|---|---|
| Донишгоҳи ASTRA<br>Словакия | astra ASSOCIATION FOR INNOVATION AND DEVELOPMENT |
| IDEC<br>Афина | idec |

**Эътироф**: TRIGGER аз ҷониби Барномаи Эразмус+ Иттиҳоди Аврупо дар доираи Грант маблағгузорӣ мешавад
Созишномаи № 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

# Мундариҷа

1. Муқаддима **Ошибка! Закладка не определена.**

2. Сиёсат ва стратегияи мактаби олӣ оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ **Ошибка! Закладка не определена.**

3. Мақсад ва вазифаҳои мактаби олӣ оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ **Ошибка! Закладка не определена.**

4. Нақша чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ **Ошибка! Закладка не определена.**

5. Захираҳои зарурӣ, инфрасохтор ва муҳити зист **Ошибка! Закладка не определена.**

6. Муҳлат ва масъулиятҳо **Ошибка! Закладка не определена.**

# 1. Муқаддима

Дар ҳисоботи мазкур шарҳи нақшаи донишгоҳ оид ба дастгирии таълими соҳибкорӣ дар ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА дарҷ гардидааст. Нақшаи таълими соҳибкорӣ дар доираи гуруҳи кории 2 оид ба «Беҳтар намудани таълим ва рушди малакаҳои соҳибкорӣ» (ГК2) дар татбиқи лоиҳаи «Ҷалби равандҳои инноватсионӣ ва малакаҳои соҳибкорӣ барои донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кор таъминкунии хатмкардагони донишгоҳҳои Осиёи Марказӣ - ТРИГГЕР». Нақшаи таълими соҳибкорӣ дар “Ҳисобот оид ба вазъи таълими соҳибкорӣ, талаботи бозори меҳнат ва номутобиқатии дониш/маҳорат”, ки қаблан аз ҷониби ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА дар ГК2 таҳия шуда (замима мегардад 2.1).

Пеш аз натиҷаи нақшаи таълими соҳибкорӣ дар бахшҳои минбаъда пурра шарҳ дода шавад, дар зер шарҳи мухтасар оид ба мафҳуми таълими соҳибкорӣ, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи ТРИГГЕР истифода мегардад, оварда шудааст:

- **Таълими соҳибкорӣ (ТС)** ба донишҷӯён дониш, малака ва ҳавасмандӣ барои эҷоди идеяҳо дар амали соҳибкорӣ дар муҳити гуногун, ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ва дар ташкилотҳо таъмин намояд (*ТС 2015, Lackéus 2020*).
- **Соҳибкорӣ** як салоҳияти калидӣ барои ҳама гуна донишомӯзони соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравад, ки рушди малакаҳои шахсӣ ва касбӣ, фарогирии иҷтимоӣ ва бакортаъминшавиро дастгирӣ мекунад (*иқтибос аз Комиссияи Аврупо ва дигарон 2016: 21*).
- **Тағйироти ташкилӣ дар** мактабҳои олӣ зарур аст, зеро “Иқтидори татбиқи рӯзномаи соҳибкорӣ ва инноватсия аз механизмҳои идоракунӣ, иқтидори ташкилӣ ва фарҳанги институтсионалии донишгоҳҳо ва инчунин хусусиятҳои иқтисоди муҳит вобаста аст" (*OECD 2019: 12*).

Аҳамияти таълими соҳибкорӣ барои Донишгоҳи давлатии Данғара пеш аз ҳама дар он аст, ки аксари ихтисосҳо ба истеҳсолот, сохтмон, кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, инчунин иқтисод, менеҷмент, савдо ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт марбутанд, ки барои онҳо дониши асосҳои соҳибкорӣ зарур аст. Хатмкунандагони соҳаҳои мазкур метавонан дар оянда дар соҳаи соҳибкорӣ кору фаъолият карда тавонанд. Бартарии дигар он аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкории хурду миёна инкишоф ёфта истодааст. Барои дар ин соҳа ба роҳ мондани система ғайр аз ихтисос, асосҳои фаъолияти сохибкориро азхуд кардан лозим аст.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

# 2. Сиёсат ва стратегияи мактаби олӣ оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ

Донишгоҳи давлатии Данғара дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳо, нақшаю стратегияҳои кишвар ва талаботи дахлдор амал менамояд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (*аз 26-уми июли соли 2014, No1107*) ва Муассисаи давлатии «Бизнес-инкубатори Тоҷикистон» (*https://www.facebook.com/bizincubator._gov.tj*), ки ба рушди соҳибкории шаҳрвандони кишвар мусоидат мекунанд. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (*дар банди 1.1. Банд, рисолат, ҳадаф ва вазифаҳо дар бораи дастгирии соҳибкорӣ, саҳ. 11-13*) оварда шудааст. Барои баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо дар самти соҳибкорӣ донишгоҳ пеш аз ҳама дар мустаҳкам намудани заминаҳои кадрӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ, инчунин таҳияи адабиёти таълимӣ ё дастрас намудани он аз дигар муассисаҳо сиёсати худро ба роҳ мемонад.

Дар ин самт омӯзиши таҷрибаи бойи дигар муассисаҳои таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар муҳим мебошад. Дар айни замон стратегияи мазкур ба раванди соҳибкорӣ дар дохил ва хориҷи кишвар равона гардидааст. Стратегияи рушди Донишгоҳи давлатии Данғара барои соли таҳсили 2021-2022 ва масъалагузориҳо то соли 2025 оид ба таълими соҳибкорӣ дар асоси барномаҳои давлатии рушди соҳибкорӣ дар кишвар ва таъмини кадрҳо дар ин соҳа равона гардидидааст. Дар донишгоҳ ихтисосҳои бевосита ба соҳибкорӣ нигаронидашуда нестанд, лекин дар заминаи ихтисосҳои Идораи давлатӣ, Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит, Иқтисодиёт ва идора дар корхона, Иқтисодиёти меҳнат, Менеҷменти истеҳсолӣ, Молия ва қарз, Танзими давлатии иқтисодиёти миллӣ, Тиҷорат дар саноати сабуд, Тиҷорат дар корхонаҳои хурду миёна, Ҳуқуқи иқтисодӣ, Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, Идораи инвеститсияҳои хориҷӣ ва Идораи фаъолияти икстидиёти беруна таълими соҳибкорӣ ба роҳ монда шудааст.

Барои баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо дар самти соҳибкорӣ донишгоҳ пеш аз ҳама дар мустаҳкам намудани заминаҳои кадрӣ аз ҳисоби омӯзгорони дорои дараҷа ва унвони илмӣ, инчунин таҳияи адабиёти таълимӣ ё дастрас намудани он аз дигар муассисаҳо сиёсати худро ба роҳ мемонад. Дар ин самт омӯзиши таҷрибаи бойи дигар муассисаҳои таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар муҳим мебошад.

Сиёсат ва стратегияи омодасозии кадрҳо дар Донишгоҳи давлатии Данғара пеш аз ҳама ба самти имкониятҳои фаъолият дар корхонаю муассисаҳои минтақаи Данғара ва умуман вилояти Хатлон нигаронида шудааст. Чунки имкониятҳои пешбурди соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноати сабук, хӯроквори, кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади таъмин намудани талаботи бозори истеъмолӣ дар дохили минтақа ва берун аз он хеле зиёд мебошанд.

Барои ноил гаштан ба чунин ҳадафҳо пеш аз ҳама дониши мукаммали касбӣ-тахассусӣ, маҳорату малакаи эҷодкорӣ, таҳлил ва хулосабарорӣ, донистани таҷрибаи пешқадами соҳибкорӣ ва истифода бурда тавонистани он дар банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст.

Дар Сиёсат ва стратегияи мактаби олӣ оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ донишҷӯён ҳамчун гурӯҳҳои асосии мақсаднок метавонанд бевосита дар таҳияи барномаи таълим иштирок намоянд. Дар интихоби фанҳо ва самти таълими соҳибкорӣ фикру ақида ва таваҷҷӯҳи донишҷӯён муҳим аст. Дар баробари ин, барои дуруст истифода намудани фикри донишҷӯён, тартиб додани барномаи таълим ва рушди таҷрибаи омӯзгоронро доштан зарур аст. Алокамандии барномаҳои таълими донишҷӯён ва эҳтиёҷоти «Истеҳсолот»-и тиҷорати дар соҳаи соҳибкорӣ пеш аз ҳама дар асоси нақшаҳои стратегии рушди сектори иқтисодиёт ба роҳ монда мешавад. Таълими соҳибкорӣ маҳз дар асоси самтҳои стратегии рушди иқтисодиёт равона шудааст. Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои асосӣ ҷалби мутахассисон, аз ҷумла дар байни кормандони корхонаю ширкатҳои соҳибкорӣ, инчунин таҳияи маводи иттилоотии муосир зарур аст.

Ҳамин тариқ, барои ноил гаштан ба муваффақият дар стратегияи таълим, сиёсат ва стратегияи мактаби олӣ оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ қисматҳои дар зер овардашударо талаб менамояд:

- Муайян намудани шавқу ҳаваси донишҷӯён ва корхонаю ширкатҳои сохибкорӣ.
- Омода намудани маводи иттилоотӣ барои омӯзиши таълими соҳибкорӣ.
- Ҷалби мутахассисони муваффақ, аз ҷумла аз корхонаю ширкатҳои соҳибкорӣ.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

# 3. Мақсад ва вазифаҳои мактаби олӣ оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ

**Мақсад: Ташаккул додани малакаҳои соҳибкории Донишгоҳи давлатии Данғара ба донишҷӯён ва хатмкунандагон дар асоси таҷрибаи ҷаҳони маҳаллӣ ва муосир**

Мақсади таълими соҳибкорӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара аз ташаккул додани малакаи соҳибкорӣ дар донишҷӯён ва хатмкунандагон дар заминаи таҷрибаи дохили кишвар ва ҷаҳони муосир.

Вазифаҳо:

3.1. Ташаккул додани тасаввуроти аввалин дар байни хатмкунандагон оид ба таҳлили имкониятҳои соҳибкорӣ дар самтҳои мушаххас.

3.2. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи муосири мактабҳои олии дохил ва хориҷи кишвар оид ба таълими соҳибкорӣ.

3.3. Ташаккул додани асосҳои фундаменталии таълим ва инкишоф додани қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён дар асоси Биржаи озоди меҳнат.

3.4. Арзёбии натиҷаҳои усулҳои барои рушди қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

# 4. Нақша чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани таълими соҳибкорӣ

***Шарҳи кутоҳ:** Лутфан чорабиниҳо ва тадбирҳои мушаххасеро, ки донишгоҳ барои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои дар боло зикршуда амалӣ карданӣ аст, манзур намоед.*

4.1. Муайян намудани ҳолати ҷории қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён (тавассути пурсиш ё натиҷаи таҳсили онҳо).

- 4.2.1. Гузаронидани пурсишҳо дар байни донишҷӯён оид ба дониш ва маҳорати соҳибкории онҳо.
- 4.2.2. Таҳлили қобилияти инноватсионии донишҷӯён аз рӯи дастовардҳои онҳо дар давоми таҳсил.
- 4.2.3. Муайян намудани идеяҳо ва натиҷаҳои беҳтарини фаъолияти соҳибкории донишҷӯён.

4.2. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи муосири мактабҳои олии маҳаллӣ ва хориҷӣ/соҳибкорон.

- 4.2.4. Ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маълумот оиди таҷрибаи муосири донишгоҳҳои дигар ё соҳибкорони муваффақ.
- 4.2.5. Муайян намудани таҷрибаи беҳтарини соҳибкорӣ барои омӯзиши донишҷӯён.

4.3. Ташаккули асосҳои фундаменталии таълим ва инкишофи қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён.

- 4.3.1. Муайян намудани самтҳои асосии таълими донишҷӯён дар бораи соҳибкорӣ.
- 4.3.2. Омода намудани маводи зарурӣ барои таълими соҳибкорӣ ба донишҷӯён.

4.4. Арзёбии натиҷаҳои усулҳои барои рушди қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён.

- 4.4.1. Гузаронидани баҳодиҳии санҷишӣ, хаттӣ ва шифоҳии дониш ва малакаи донишҷӯён.
- 4.4.2. Арзёбии кори амалӣ, идеяҳои соҳибкорӣ ва лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯён.

Пурсишнома дар байни донишҷӯёни курсҳои 3-4 аз рӯи самти фаъолияти соҳибкорӣ, масалан: кишоварзӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, сохтмон, иқтисод ва ғайра гузаронида мешавад, то шавқу завқи донишҷӯён муайян карда шавад. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар ҳар як самт ақаллан як гурӯҳ пурсиш карда мешавад.

Пурсишнома барои муайян намудани идеяҳо ва фаъолияти соҳибкории донишҷӯён дар марҳилаи аввал дар асоси саволҳои мураккабе гузаронида мешаванд, ки донишҳои асосӣ, идеяҳо, таҷрибаи соҳибкорони муваффақ ва ғайраро дар бар мегиранд. Пурсишнома бояд соҳаҳои гуногуни соҳибкориро дар бар гирад.

# 5. Захираҳои зарурӣ, инфрасохтор ва муҳити зист

5.1. Имкониятҳои модӣ-техникии донишгоҳ, синфхонаҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир барои ташкил кардани курсҳои омӯзишӣ бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ ба таври ҳузурӣ ва онлайн система мавҷуданд. Сафари омӯзишӣ барои шиносоии корҳои амалӣ бо дастовардҳои донишгоҳҳои дохил ва хориҷӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ зарур мебошад.

5.2. Донишгоҳ дорои 4 факултет ва кафедраҳои соҳавӣ дар самти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад, ки бо кадрҳои дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ таъмин мебошанд. Аммо бизнес-инкубатор вуҷуд надорад.

5.3. Дар донишгоҳ ҳамасола намоишгоҳи дастовардҳои лоиҳаҳои инноватсионии донишҷӯён баргузор карда шуда, беҳтарин лоиҳаҳо аз ҷониби комиссияи махсус интихоб мегардад. Беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ оиди татбиқи онҳо ба дастгирии моддӣ ниёз доранд.

5.4. Донишгоҳ ба машваратчиён ва шарикон аз хориҷи кишвар барои таҳияи идея ва муайян кардани рақобатпазирии онҳо дар таҳияи маводҳои ниёзманд аст.

5.5. Бо мақсади татбиқи амалии лоиҳаҳои инноватсионӣ дар самти соҳибкорӣ ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти парки технологӣ дар ин замина дастгирии молиявӣ зарур мебошад. Масалан, харидории таҷҳизоти хурд барои корҳои хоҷагии қишлоқ дар саҳро.

5.6. Захираҳои инсонӣ барои таҳлил, муайян ва таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ барои соҳаҳои гуногуни тиҷорат.

Co-funded by the Erasmus+ Programme of the European Union
TRIGGER: 617309-EPP-1-2020-1-SK-EPPKA2-CBHE-JP

# 6. Муҳлат ва масъулиятҳо

**Шарҳи кутоҳ:** Лутфан ҷадвали муҳлатро барои 5 соли оянда (2023-2027) пешниҳод намоед, ки бо нишон додани афзалиятҳои мушаххаси сиёсат ва ҳадафҳои алоқаманд, фаъолиятҳо/тадбирҳо, захираҳо ва масъулиятҳо.

| Стратегия / афзалияти сиёсат | Ҳадаф | Фаъолият / тадбир | Захираҳои зарурӣ | Вақт | Масъул | Нишондиҳандаҳои муваффақият |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 3.1. Ташаккул додани тасаввуроти аввалин дар байни хатмкунандагон оид ба таҳлили имкониятҳои соҳибкорӣ дар самтҳои мушаххас | 4.1.1<br>4.1.2<br>4.1.3 | 5.1.<br>5.2. | 2022-2023 | Муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот, шухбаи мониторинги сифат ва омӯзгорони соҳавӣ. Декани факултети аграрӣ ва амнияти озуқаворӣ | 200 донишҷӯ, 20 омӯзгорон |
| 2 | 3.2. Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи муосири мактабҳои олии дохил ва хориҷи кишвар оид ба таълими соҳибкорӣ | 4.2.1<br>4.2.2 | 5.3.<br>5.2. | 2023-2024 | Муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва мобилияти академӣ ва муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот | 10 омӯзгорони соҳавӣ |
| 3 | 3.3. Ташаккул додани асосҳои фундаменталии таълим ва инкишоф додани қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён дар асоси Биржаи озоди меҳнат | 4.3.1<br>4.3.2 | 5.4.<br>5.6. | 2023-2024 | Муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва мобилияти академӣ ва муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот | 10 омӯзгорони соҳавӣ |
| 4 | 3.4. Арзёбии натиҷаҳои усулҳои барои рушди қобилиятҳои соҳибкории донишҷӯён | 4.4.1<br>4.4.2 | 5.5.<br>5.6. | 2023-2025 | Муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ ва мобилияти академӣ ва муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот. Декани факултети бехатарии молиявӣ ва бонкӣ, декани факултети иқтисодиёти миллӣ ва рушди туризм | 10 омӯзгорони соҳавӣ |